**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯӣ " Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтиссоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ.**

Мубрамияти мавзуи мазкур бо он асоснок мегардад, ки инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон ва ниҳодҳои иҷтимоии онро бе фаъолияти воситаҳои иттилоотӣ - таҳлилӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Чунки сарвари давлат ва дигар ниҳодҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ на танҳо ба иттилоот дар бораи раванду ҳодисаҳо, балки ба иттилооти илман асоснокгардида, ҳамаҷониба таҳлилшуда ва бо пешгӯиҳо мукаммалгардида зарурат доранд. Аз ин рӯ зарурати ҷиддии тайёр намудани муҳаққиқони соҳа, коршиносони сиёсӣ, дипломатҳо, мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба миён омадааст, ки тавонанд манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя намоянд.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон таъкид намудаанд, ки имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаи ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошад.

Диссертант масъалаи таҳлилу баррасии мавзуи мазкурро дар сатҳи зарурии иҷтимоию фадсафӣ ва илмӣ анҷом дода, қайд менамояд, ки ВАО яке аз воситаҳои муҳимми инъикоскунанда ва таъсиррасонандаи равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Дигаргуниҳои бунёдии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ба таври

назаррас имкониятҳои дастрасӣ ба иттилоотро васеъ намуда, ВАО ва матбуоти давриро ба манбаи тавонои пешбари ғояҳои давлатдорӣ, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, қувват гирифтани муборизаи нерӯҳои гуногун мубаддал гардониданд. Тағйиротҳои низоми сиёсии Тоҷикистон, ташаккули асосҳои меъёрий, дар навбати худ боиси тағйироти фаъолияти ВАО дар равандҳои иҷтимой ва маъракаҳои интихоботӣ гардиданд.

Бешубҳа, ин назар дуруст аст, чунки инкишофи ҳамаҷонибаи давлату ҳукумат ва рушди бемайлони пояҳои иҷтимоию сиёсии кишварро бе мавҷудияти ВАО тасаввур кардан ғайримкон аст. Аз ин рӯ ба назари инҷониб ташкили заминаҳои инкишофи ВАО ва матбуоти даврӣ дарвоқеъ ба нафъи кишвари мост.

Таҳқиқоти мазкур маводи боарзиш буда, дар баъзе мавридҳо, ҳангоми омӯзиши нақши воситаҳои ахбори омма, сарчашмаи нодир мебошанд. Онҳо бо вуҷуди гуногунмаъно ва гуногуншакл буданашон, дар бораи моҳияти воситаҳои ахбори омма тасаввуроти асосӣ дода, имконият медиҳанд, ки аз маҷмӯи далелҳои иттилоотӣ—таҳлилӣ зарра—зарра маводҳои боарзиш ҷамъоварӣ шаванд ва барои инкишоф ва суботи ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши шакл ва усулҳои таҷассуми ҳодисаву падидаҳои раванди сиёсии кишвар дар саҳифаҳои ВАО, нақши ВАО дар раванди маъракаҳои интихоботӣ ва муборизаи сиёсию гурӯҳӣ, дар ташаккул ва инкишофи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии оммаи мардум аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, муҳимияти мавзӯи мазкурро муайян намуда, **мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоиро ифода мекунад.**

Маводи дохили рисолаи диссертатсионй ба мавзуи рисола мутобиқати комил дошта, ба таври мантиқӣ баён гардидааст ва маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври амиқ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамаи натиҷаҳо хулосагирӣ шуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои асосию муҳим

пешниҳод гардидаанд, ки онхо дорои аҳамияти илмию амалиро соҳиб мебошанд.

**Теъдоди мақолаҳои нашрнамудаи диссертант ва натиҷаҳои асосии он ба талаботҳои мавҷуда мувофиқат карда**, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Муаллиф аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро зоҳир намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ, Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияи ҳимояшуда”, ки аз 30 июни соли 2021, №267 зикр гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва мазмуну муҳтавои он ба ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи онтология ва назарияи
маърифати факултети фалсафаи ДМТ Маҳмадизода Н.Д.

Имзои профессор Н.Д. Маҳмадизодаро
тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

19.01.2024